## Шарҳи моҳонаи таваррум • Январи 2020

**Сатҳи таваррум[1] дар моҳи январи соли равон ба 0,6 фоиз баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин моҳи соли гузашта бетағйир мебошад.**

Дар моҳи баррасишаванда ба сатҳи таваррум асосан афзоиши нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 0,9 фоиз (саҳм дар таваррум 0,5 б.ф.), молҳои ғайрихӯрокворӣ 0,2 фоиз (0,1 б.ф.) ва арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 0,3 фоиз (бо саҳми ночиз) таъсир расонид.

Дар сохтори маҳсулоти хӯрокворӣ бештар қиматшавии нархи маҳсулоти серистеъмоли аҳолӣ, аз қабили себ (7,2% м/м[2]), нок (8,0% м/м), ангур (14,3% м/м), картошка (3,7% м/м), пиёз (6,4% м/м), помидор (23,0% м/м) ва бодиринг (19,2% м/м) ба қайд гирифта шуданд.

Дар таркиби маҳсулоти сабзавот, бинобар таъсири омилҳои мавсимию таклифотӣ бештар болоравии нархи картошка ва пиёз, ки ҳиссаи онҳо дар сабади истеъмолӣ 2,4 фоиз ва 1,7 фоизро ташкил медиҳанд, ба қайд гирифта шуданд.

Тибқи маълумоти оморӣ дар соли 2019 дар ҷумҳурӣ ба миқдори 994,4 ҳазор тонна картошка ва 637,2 ҳазор тонна пиёз истеҳсол шудааст, ки нисбат ба соли 2018 мутаносибан 3,1 фоиз ё 29,8 ҳазор тонна зиёд ва 6,2 фоиз ё 41,9 ҳазор тонна кам мебошад.

Илова бар ин, мутобиқи маълумоти омори гумрукӣ дар соли 2019 ба ҷумҳурӣ ба миқдори 3,7 ҳазор тонна картошка ва 155,0 тонна пиёз ворид гардидааст, ки нисбат ба соли қаблӣ мутаносибан 8,8 маротиба ва 31,5 фоиз кам мебошад.

Норасоии маҳсулотҳои зикргардида барои қонеъ гардонидани талабот дар бозорҳои ҷумҳурӣ дар соли 2019, боиси болоравии нархи онҳо дар моҳи январи соли ҷорӣ гардид.

Дар баробари ин, коҳишёбии нархи баъзе аз маҳсулотҳои хӯрокворӣ дар моҳи баррасишаванда раванди арзоншавӣ доштанд, аз ҷумла, нархи гӯшти мурғ (-0,5% м/м), тухм (-0,4% м/м), шир (-1,3% м/м), шакар (-2,4% м/м), равғани пахта (-0,5% м/м) ва ғайра.

**Таваррумм моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии нархи картошка ва пиёз, бо % солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таваррум, бо % солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



Дар сохтори молҳои ғайрихӯрокворӣ дар ин моҳ бештар болоравии нархи маводи доруворӣ 0,6 фоиз, маснуоти нассоҷӣ 0,6 фоиз ва маводи шустушӯй 0,4 фоиз ба қайд гирифта шуд.

Нарху тарифҳои хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ низ тамоюли муътадили афзоишёбӣ дошта, ба 0,3 фоиз баробар гардид, ки раванди мазкур асосан дар натиҷаи қиматшавии нархи хизматрасониҳои соҳаи маориф 0,6 фоиз ва нақлиёт 1,0 фоиз ба вуқӯъ пайваст.

**Таваррумӣ солона (дар 12 моҳи охир) дар моҳи январи соли ҷорӣ ба 8,0 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба моҳи қаблӣ бетағйир ва ҳамин давраи соли қаблӣ 2,3 банди фоизӣ зиёд мебошад.**

**Таваррумӣ аслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




Сатҳи таваррумӣ аслӣ, ки дар худ омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи январи соли ҷорӣ болоравӣ надошта (0,02 фоиз), бо арзёбии солона ба 2,6 фоиз баробар гардид, ки аз маҳдуд будани омилҳои монетарӣ ба сатҳи таваррум шаҳодат медиҳад.

**Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади бартараф намудани фишорҳои иловагӣ ба сатҳи таваррум ва то интиҳои сол ноил гардидан ба нишондиҳандаи мақсадноки таваррумӣ пешбинишуда, бо мунтазам гузаронидани таҳлили тағйирёбии сатҳи нархҳо ва истифодаи фишангҳои монетарӣ татбиқи сиёсати пулию қарзиро идома хоҳад дод.**

[1] - тибқи маълумоти Агентии омор
[2] - м/м – тағйирёбии моҳона

**Намояи нархҳои истеъмолӣ***

| | Вазн,% | тағйирёбии солона,% | | | | | | | | | | | | Январ, тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | | | | | | | 2020 | |
| | | | | | | Январ | Март | Июн | Сентябр | Октябр | Ноябр | Декабр | Январ | |
| **Таваррум** | **100,0** | **5,1** | **6,1** | **6,7** | **5,4** | **5,7** | **7,8** | **8,7** | **8,1** | **7,3** | **7,5** | **8,0** | **8,0** | **0,6** |
| **Маҳсулоти хӯроквори ва нӯшокиҳои беспирт** | **53,1** | **3,8** | **6,4** | **7,7** | **4,9** | **6,3** | **10,2** | **13,5** | **11,9** | **9,8** | **10,6** | **11,4** | **11,2** | **1,0** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 17,5 | 9,1 | -2,5 | -0,8 | 8,9 | 13,2 | 19,7 | 18,8 | 16,1 | 18,8 | 17,4 | 16,5 | 13,3 | 0,3 |
| Биринҷ | 2,9 | 11,6 | -9,2 | -6,9 | 19,5 | 20,7 | 22,1 | 24,8 | 15,3 | 14,4 | 9,9 | 7,6 | 7,1 | 0,0 |
| Орд | 10,7 | 7,8 | -3,0 | 0,3 | 9,9 | 16,0 | 25,3 | 22,1 | 19,7 | 23,5 | 21,8 | 21,0 | 16,0 | 0,3 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 8,3 | -10,2 | 3,7 | 13,8 | 8,6 | 9,4 | 10,4 | 18,0 | 22,9 | 23,5 | 24,4 | 21,8 | 22,0 | 0,6 |
| Гӯшти гов | 5,4 | -14,3 | 3,2 | 14,7 | 8,9 | 9,7 | 11,4 | 21,8 | 27,2 | 27,1 | 28,6 | 25,9 | 27,0 | 0,9 |
| Тухм | 1,5 | 5,5 | 12,0 | 1,0 | 3,9 | 1,8 | 6,6 | 6,0 | 3,1 | -3,3 | 3,1 | 6,3 | 7,2 | -0,4 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,7 | 7,3 | 0,4 | 4,4 | 4,1 | 2,6 | 3,1 | 4,8 | 4,3 | 5,0 | 4,6 | 6,4 | 6,3 | -0,2 |
| Шир | 0,5 | 16,1 | -7,2 | 6,3 | 1,3 | -2,1 | 0,0 | 2,7 | 6,7 | 1,4 | -3,0 | 7,3 | 5,8 | -1,3 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 5,7 | 12,7 | 11,3 | 1,3 | 9,2 | 9,1 | 10,4 | 5,2 | 0,6 | -0,6 | -0,7 | -1,7 | -0,8 | -0,4 |
| Меваҷот | 4,3 | 12,3 | 16,7 | -1,8 | 4,0 | 2,3 | -4,0 | -15,5 | -5,4 | 1,9 | 3,4 | -2,2 | 0,7 | 4,3 |
| Сабзавот | 6,6 | -12,4 | 16,5 | 40,2 | -10,7 | -9,7 | 3,7 | 33,1 | 15,0 | -6,1 | 1,1 | 15,4 | 19,9 | 5,5 |
| Шакар | 2,4 | 19,3 | 15,0 | -6,7 | 2,7 | 4,4 | 5,7 | -0,6 | 3,4 | 3,3 | -0,9 | -5,1 | -7,1 | -2,4 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | 13,7 | 19,9 | 1,6 | 2,8 | 2,5 | 5,1 | 6,2 | 6,7 | 6,6 | 8,1 | 8,1 | 0,9 | -6,8 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **0,9** | **14,9** | **19,9** | **2,7** | **8,0** | **8,0** | **6,7** | **8,1** | **7,3** | **7,8** | **7,8** | **3,0** | **3,0** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **1,4** | **15,9** | **11,8** | **6,2** | **5,4** | **6,5** | **3,8** | **3,5** | **0,9** | **1,3** | **2,6** | **1,0** | **-0,1** | **0,0** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **29,2** | **7,9** | **5,7** | **4,4** | **6,4** | **6,3** | **6,3** | **4,7** | **4,1** | **4,8** | **4,5** | **4,2** | **4,5** | **0,2** |
| Либос ва пойафзол | 9,7 | 9,2 | 14,5 | 9,2 | 5,6 | 14,4 | 14,7 | 13,5 | 14,4 | 14,5 | 14,4 | 13,4 | 4,5 | 0,0 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 3,7 | 2,2 | -0,9 | 2,4 | 7,3 | 7,8 | 6,0 | 5,2 | 4,9 | 5,4 | 5,6 | 4,9 | 4,4 | 0,2 |
| Маводи шустушӯй | 1,8 | 15,5 | 1,2 | 4,0 | 6,2 | 6,2 | 7,0 | 9,0 | 6,3 | 4,4 | 3,6 | 3,3 | 3,7 | 0,4 |
| Доруворӣ | 2,9 | 24,7 | 14,1 | 1,0 | 10,4 | 10,7 | 6,4 | 18,1 | 10,8 | 16,2 | 14,9 | 13,0 | 13,6 | 0,5 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -7,0 | 2,9 | 27,7 | 12,2 | 7,2 | 5,4 | -10,6 | -9,1 | -8,8 | -9,1 | -5,7 | -0,1 | -0,3 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,3 | 19,0 | 3,0 | 0,9 | -8,4 | -8,4 | -5,0 | -12,7 | -18,0 | -15,7 | -14,1 | -9,9 | -9,2 | 0,8 |
| Васоити нақлиёт | 0,9 | -2,0 | 0,0 | 0,0 | 5,2 | 5,2 | 8,1 | 0,4 | 1,5 | 1,4 | 1,4 | 0,8 | 2,1 | 1,3 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,5 | 7,6 | 7,1 | 8,6 | 8,3 | 8,7 | 8,5 | 4,9 | 4,1 | 4,3 | 3,1 | 3,8 | 3,5 | 0,1 |
| **Хизматрасониҳо** | **15,2** | **2,2** | **4,5** | **7,7** | **4,9** | **2,1** | **3,4** | **1,3** | **3,7** | **4,6** | **3,7** | **5,5** | **5,5** | **0,3** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,2 | 3,2 | 9,8 | 17,5 | 10,8 | 9,8 | 12,3 | 3,2 | 15,7 | 14,8 | 6,9 | 9,1 | 10,6 | -0,3 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 5,0 | 5,0 | 6,5 | 3,3 | 2,9 | 2,9 | 2,9 | 2,8 | 3,1 | 0,3 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,7 | 20,1 | 5,1 | 9,1 | 9,4 | 8,4 | 8,7 | 8,2 | 8,2 | 3,7 | 3,7 | 4,3 | 1,4 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 2,6 | 0,0 | 28,6 | 14,7 | 14,9 | 14,6 | 14,6 | 14,4 | 32,9 | 32,7 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -6,3 | -6,6 | 40,1 | 6,2 | 2,8 | 14,1 | -23,3 | -15,8 | -15,2 | -15,9 | -5,9 | 2,3 | -1,2 |
| Нақлиёт | 4,4 | -2,3 | -1,4 | 2,8 | 2,9 | -4,8 | -2,4 | -0,2 | -8,8 | -5,0 | 0,3 | 3,7 | 2,4 | 1,0 |
| Алоқа | 1,6 | 0,8 | 0,0 | 1,3 | 0,1 | 0,1 | 0,0 | 0,1 | 0,2 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,0 |
| Маориф | 1,6 | 2,6 | 11,3 | 5,3 | 0,3 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 2,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,7 | 0,6 |
| Тандурустӣ | 0,8 | 14,0 | 1,9 | 1,7 | 1,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 15,4 | 15,6 | 15,6 | 15,6 | 15,6 | 0,1 |
| Маишӣ | 1,9 | 12,3 | 5,2 | 1,1 | 3,3 | 3,3 | 3,2 | 3,2 | 5,3 | 4,4 | 4,3 | 3,8 | 3,9 | 0,2 |

*Дар ҷадвали мазкур номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои истифодаи онҳо ба таври умум ё серистеъмоли аҳолӣ нишон дода шудааст. Аз ин лиҳоз, маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо